**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли Муассисаи давлатии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Масъалаи низоми таълими хонандагони болаёқат, дарёфт, таълиму тарбияи хонандагоне, ки лаёқати баланди зеҳнӣ доранд, дар шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои афзалиятноки аҳли маориф кишвар мебошад. Сари вақт ошкор намудан ва ба роҳ мондани таълиму тарбияи кӯдакони боистеъдод ва болаёқат яке аз мушкилоти асосии низоми маориф ба шумор меравад ва аз ин сабаб онҳо ба таълиму тарбияи махсус, ҳавасмандӣ ва дастгирии калонсолон эҳтиёҷ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи таълиму тарбияи кӯдакони болаёқат таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, дар мамлакат аввалин муассисаи таълимии махсус барои хонандагони болаёқат – Литсей-интернати Президентӣ барои хонандагони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1995) таъсис ёфт. Бевосита бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рӯ ба афзоиш дошта, робитаи ҳамкории онҳо барои таълиму тарбияи насли ояндасози миллат тақвият ёфта истодааст.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки новобаста аз

таваҷҷуҳи хосаи давлат ба масъалаи таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ҳанӯз як қатор муаммоҳои педагогиву психологии кор бо кӯдакони болаёқат дар самти дарёфту ташаккули қобилиятҳои онҳо боқӣ мондааст, ки он дар диссертатсия мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия муҳаққиқ дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" масъалаи низоми таълими хонандагони болаёқатро мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиши роҳу усулҳои ташхиси лаёқатмандии кӯдакон, муносибати педагогиву психологии хос бо онҳо, истифодаи методикаи самараноки таълими хонандагони болаёқат, самтҳои асосии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва омода намудани омӯзгорон барои кор бо онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти "кӯдаки болаёқат" дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбия ва муносибати шоиста ба кӯдакони болаёқат ё боистеъдод дар афкори ниёгони халқи тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Масъалаҳои шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиши илму дониш ва сайқал додани маҳорату малака ва тарбияи хислату сиришти неки инсонӣ дар таълимот ва педагогикаи ниёгон мавқеи хоса дорад ва таъкидҳои бешумори онҳо барои илмомӯзиву донишазхудкунӣ ва касбу ҳунаромӯзӣ равона карда шудаанд.

Аслан, хонандаи болаёқат шахсест, ки дар таълиму тарбия ва дигар навъи фаъолият қобилияти аз меъёрҳои муқарраӣ баландро нишон медиҳад. Чун анъана дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгорон

барои гузоштани фарқият дар дараҷаи қобилиятҳои хонандагон аксаран аз сатҳи қобилияти зеҳнии хонандагон истифода мебаранд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда гувоҳи он аст, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани кор бо хонандагон ташхису ошкор намудан ва муайян намудани қобилияти хонандагон имконпазир мебошад. Дар ин самт махсус қайд мегардад, ки ҳар хонанда дорои қобилият буда, вазифаи омӯзгор ин муайян намудани он ва кӯмак расонидан дар рушди қобилиятнокии хонанда мебошад. Чунин қобилиятҳо умумӣ ва махсус мешаванд, ки дар байни онҳо қобилияти ақлонӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия масъалаҳои асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва таҳияи модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” мавриди таҳлилу арзёбӣ карор гирифта, натиҷаи корҳои гузарондашудаи таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагии хонандагони болаёқат арзёбӣ гардиданд.

Аслан, ҳадаф аз ташкили корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит ба ташаккули донишандӯзӣ, касбомӯзӣ ва забономӯзии таълимгирандагон дар муҳити мусоиди педагогӣ мебошад. Таҳсилоти иловагӣ дар фарҳанги мо аз замонҳои хело пеш маълум буд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ-адабӣ мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки ниёгони мо дар тарбия ва инкишофи кӯдак ба ғайр аз тадрис дар мадрасаҳо, инчунин барои фарзандони худ устодони дигари шахсиро барои ташаккул додани малакаҳои шиновариву тирандозӣ, асптозиву чавгонбозӣ ва амсоли он ҷалб намуда, таҳсилоти иловагӣ ташкил менамуданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди

таълимгирандагон, конеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Афзалияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки машғулиятҳо дар онҳо дар асоси барномаҳои таълимиву тарбиявӣ, накшаҳо ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ва мутахассисон мустақилона ташкил карда мешаванд.

Яке аз шаклҳои ҷолиби ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳоии таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангиву маърифатӣ ба шумор меравад. Тавассути ин чорабиниҳо омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ имкони онро пайдо мекунанд, ки фориғ аз кори асосии худ бо фаъолияти ҳамкорони худ аз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шиносоӣ пайдо намоянд.

Хулоса, рушди бонизоми шахсияти хонандаи болаёқат танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ғайриимкон буда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, барои эҷоди фазои ягонаи таълимии мусоид ҷиҳати ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат ҳамгироӣ ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки ташкили низоми муассири ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат натиҷаҳои беҳтар ба бор хоҳад овард ва он аз суръат, сифат ва тағйирёбии дониш, беҳтар шудани фаъолияти хонандагони болаёқат ва иштироку муваффақияти онҳо дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ шаҳодат медиҳад.

Дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашуда аз ҷониби муҳаққиқ Нурматова Н.Л. 9 мақолаҳои илмӣ аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст, ки ҷавобгӯи талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мебошад.

Мувофиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ диссертатсия дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”)” таҳқиқоти илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи муқаррароти муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти**
**кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Азизӣ М.М.**

**Имзои д.и.п., досент Азизӣ М.М.-ро тасдиқ мекунам.**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.**